# ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)

Падидаи иҷтимоӣ будани забон ҳақиқати бебаҳс, ҳамроҳи ҷамъият рушду инкишоф намудан ва таназзул ёфтани он ногузир мебошад. Ва бо таъбири Август Шлейхер забон мисли организми зинда аст, ки пайваста дар рушду такомул қарор дорад, ки маҳз дар ҳамин замина баъзе унсурҳои қадимаи он ба дасти фаромӯшӣ супурда мешавад ва вазифаи онҳо бар дӯши воҳидҳои дигар таҳмил мегардад. Агар мо аз ҳамин дидгоҳ ба забонҳои эронӣ назар афканем, бароямон маълум мегардад, ки дар масири таърих як қатор унурҳои грамматикии онҳо аз байн рафта, бар ивазашон воҳидҳои нав арзӣ ҳастӣ кардаанд. Вақте ки ин гурӯҳи забонҳо ба таври муқоиса омӯхта мешаванд, зуҳуроти таҳаввулу татаввурро бештар метавон мушоҳида намуд. Зеро аносири куҳани забон-асоси ҳиндуаврупоӣ дар ҳамаи ин гурӯҳи забонҳо як зайл боқӣ намонда, дар яке бештар ва дар дигаре андактар мебошад.

Бо дарназардошти зарурати омӯзиши қиёсии забонҳои эронӣ ва мубрам будани масъалаи мазкур, аз ҷониби Самадов Рамазонӣ Саидназарович ба таври муқоиса омӯхтани яке аз замонҳои феъл дар забонҳои тоҷикиву яғнобӣ пураҳамият арзёбӣ мешавад. Дуруст аст, ки баъзе паҳлуҳои масъалаи мазкур аз ҷониби муҳаққиқон, ба монанди М.Н. Боголюбов, Д.И. Эделман, С.Н. Соколов, А.А. Фрейман, В.С. Расторгуева, В.А. Лившитс, А.Л. Хромов, С. Ализода, Б. Ниёзмуҳаммадов, Б. Қариб, З.Заршинос, М. Самадӣ, М. Ризоятӣ, Ҳ.Боғбедӣ М. Исҳоқов, Д. Саймиддинов, З. Мухторов, Ф. Шарифова, С. Мирзоев ва ғайра мавриди омӯзиш қарор гирифта бошад ҳам, аммо ба таври мукаммалу қиёсӣ омӯхтани замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикиву яғнобӣ таҳқиқоти нав ва шоистаи таҳсин мебошад.

Р. Самадов пажуҳиши хешро дар қолаби муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ тарҳрезӣ намуда, дар қисмати муқаддима мубрам будани мавзуъ, дарачаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариву методологӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқу масоили дигарро баррасӣ карда, баъзе пажуҳишҳои марбут ба мавзуъро арзёбӣ намудааст. Аз нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, мубрам ва арзиши илмиву амалӣ доштани таҳқиқро бахубӣ метавон дарк намуд, зеро дар ин таҳқиқот баъзе зуҳуроти марбут ба масъалаи мавриди назар дар чанде аз забонҳои шарқиэронӣ ва ғарбиэронӣ, амсоли суғдиву хоразмӣ ва яғнобиву тоҷикӣ таҳлил гардидааст.

Дар боби аввали рисола, ки **«Аз таърихи зуҳури аугмент ҳамчун унсури замонсози феъл»** унвон дошта, пайдоиш ва ташаккули аугмент дар як қатор забонҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ баррасӣ шудааст. Ҳамчунин, дар фаслу зерфаслҳои боби мазкур оид ба мавҷудияти аугмент дар як қатор забонҳои шарқӣ ва ғарбиэронӣ пажуҳиш сурат гирифтааст, ки дорои аҳамияти зиёди илмӣ мебошад.

**«Нақши аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои нави эронӣ»** унвони боби дуюми рисолаи мавриди тақриз буда, дар он масоили корбурди аугмент дар забонҳои толишӣ ва яғнобӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ба ин масъала таваҷҷуҳ намудани муаллифи рисола бесабаб набуда, дар ин забонҳои нави эронӣ унсури замонсоз, минҷумла аугмент ҳифозат шудааст, ки ин падидаро на дар ҳамаи забонҳои ин гурӯҳ метавон ба мушоҳида гирифт.

Дар боби сеюм, ки **«Муқоисаи шаклҳои замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ»** унвон дорад, ҳолати кунунии шаклҳои сода, ҳикоягӣ, дур, дури давомдор, нақлӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ ва ҳикоягии замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикиву яғнобӣ ба таври муқоиса таҳлилу баррасӣ шудаанд. Мусаллам аст, ки аз гузаштаи дур то ба имрӯз дар грамматикаи забони яғнобӣ дигаргуниҳои чашмрас ба вуҷуд омадаанд, ки дар зимни омӯзиши қиёсии онҳо бо забонҳои дигари эронӣ,

аз ҷумла тоҷикӣ, баъзе паҳлуҳои тираи масъала равшан хоҳад шуд. Аз ин рӯ, омӯзиши мавзуи мазкур дар заминаи маводи забонҳои тоҷикию яғнобӣ имкон фароҳам меорад, ки оид ба ин зуҳуроти забонӣ маълумоти амиқу дақиқ пайдо карда шавад. Зикр намудан ба маврид аст, ки муаллифи рисола дар ин боб анвои замони гузаштаи феъл ва сиғаҳои онро дар забони яғнобӣ таҳқиқ намуда, бо такя ба афкори забоншиносони номошно андешаҳои судманди хешро манзур намудааст.

Дар қисмати хулоса бошад, андешаҳои худро дар понздаҳ нукта баён намудааст, ки ҳар кадоми онҳо дорои мантиқи қавӣ ва пояҳои илмии устувор буда, аз дониши фарох ва вусъати тафаккури илмии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Шоистаи қайд аст, ки рисолаи Р.Самадов дорои забони салису равон буда, соҳиби он зимни омӯзишу баррасии масъалаи мавриди таҳқиқ аз адабиёти зарурӣ суд ҷустааст. Афкори олимонро вобаста ба мавзуъ арзёбӣ намуда, ба ҳар кадоми онҳо баҳои воқеӣ додааст. Ҳамчунин, бо олимони соҳа баҳсҳо намуда, кӯшиш кардааст, ки мустақилияти худро нигоҳ дорад ва соҳиби андешаи илмӣ будани хешро собит созад.

Чунон ки маъмул аст, дар ҳамаи таҳқиқ, баробари дастовардҳову комёбиҳо камбудиву норасоиҳо ҷой доранд, ки дар ин миён рисолаи Р.Самадовро наметавон истисно шумурд. Дар радифи комёбиҳои илмӣ баъзе камбудиву нуқсонҳо ба мушоҳида расид, ки зикри онҳо барои бештар гардидани ҳусни рисола, ба мақсад созгор аст:

1. Дар унвони рисола вожаи «ташаккул» истифода шудааст, ки он дорои маънии «сурат гирифтани чизе» (Деҳхудо), яъне шакл гирифтан мебошад. Ҳол он ки дар таҳқиқ асосан сухан дар бораи рушд ва таназзули замони гузашати феъл рафтааст;
2. Ба андешаи мо зерфасли 2.2.1. «**Мухтасаре аз таърихи таҳқиқи забони яғнобӣ**» агар дар боби аввали рисола оварда шавад, ба мақсад мувофиқтар аст

Фишурдаи мавриди назар муҳтавои рисоларо инъикос намудааст ва камбудиву нуқсонҳои зикргардида наметавонанд арзиши илмии онро кам созанд. Бинобар ин, ба хулосае омадан мумкин, ки муқаддима ва бобҳои рисола тавонистаанд иттилои арзишмандеро дар бораи масъалаи мавриди назар инъикос намоянд.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ҷойдошта арзиши илмии рисоларо кам накарда, диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи **«Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ»,** аз рӯйи навгониҳои илмӣ ва моҳияти амалӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор дониста мешавад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филология, дотсент,
директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб Рустамшозода Шаҳбоз

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Кӯлоб, маҳ.Ҳ.Шерозӣ, 15/59
Тел: (+992) 988-49-10-10
E-mail: rustamshoh-90@bk.ru

Имзои Рустамшозода Шаҳбозро
тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳо ва котиботи
ФМДДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоб Холов Муҳаммадҷон

Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Ҳамадонӣ -5
Телефон: (83322) 2-59-35
E-mail: filiali-dti-kulob@internet.ru
«10» «сентябри» соли 2025